«Тасдиқ мекунам»
Директори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд»
н.и.и., дотсент ____________ Ҷализода А.А.
« 10 » 10 ____________ 2025 с.

# ХУЛОСАИ
## кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»

Диссертатсияи унвонҷӯ Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» иҷро гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия ва айни замон Бобоев Ф.М. унвонҷӯи МДТ«Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба ҳисоб меравад.

Бобоев ФМ. соли 2003 ба ихтисоси «Андоз ва андозбанди» -и МДТ «Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ» дохил шуда, соли 2008 МДТ «Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон»-ро аз рӯйи ихтисоси номбурда хатм намуда, соҳиби тахассуси «Иқтисодчӣ – бозраси андоз» гардидааст.

Фаъолияти меҳнаташро соли 2008 ба ҳайси ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии МДТ «Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон» оғоз намуда, айни замон дар вазифаи муаллими калони кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» фаъолият бурда истодааст.

Бобоев Ф.М. бо фармоиши директори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» аз 28.09.2021 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Бобоев Ф.М. дар ҷаласаи шурои олимони МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи

давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» аз 28.09.2021, протоколи №2 тасдиқ шудааст.

Ба ҳайси роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ таъин гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз 22.10.2018, №13 (таърих ва фалсафаи илм), 29.10.2018, №12 (забони англисӣ), 16.05.2024 №5 (иқтисодиёти минтақавӣ) аз ҷониби МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» дода шудааст.

Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» аз 20 октябри соли 2025, протоколи №2 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Он ҳамчун як тадқиқоти мустақилона ва мукаммал баҳогузорӣ шуда, бо ҳадафҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ мувофиқат дошта, бевосита ба татбиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат менамояд.

Дар марҳилаи муосири таҳаввулоти низоми хоҷагидорӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурии он, устувории манбаҳои молиявӣ ба дараҷаи истифодаи самараноки имкониятҳои иқтидори андозӣ ва нишондиҳандаҳои ниҳоии он дар маҳалҳо алоқамандии зич дорад. Воқеан, дар раванди имрӯзаи ташаккули робитаҳои иқтисодӣ воридоти андоз яке аз сарчашмаҳои муҳими таъмини қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои мухталиф мебошад, ки аз сатҳу сифати маъмурикунонии маблағи андози минтақаҳои алоҳидаи кишвар ва идораи оқилонаи иқтидори андоз дар минтақаҳо ба миён меояд. Тавре заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳқиқотҳои соҳаи андоз нишон медиҳанд, ислоҳоти низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмулан дар чаҳорчӯбаи принсипҳои омӯзишӣ татбиқ мегирад, ки ба нусхабардории таҷрибаи хориҷӣ асос меёбад. Бинобар ин ба мадди назар нагирифтани хусусиятҳои хоси

иқтисодиёти миллӣ дар раванди татбиқи таҷрибаи ҳосилшудаи низоми миллии андоз самаранокии сиёсати андоз коҳиш ёфта, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он таъсири ночиз мегузорад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Дар марҳилаи наздикшаванда такмили ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ваколатдори соҳаи молияи давлатӣ ҷиҳати васеъ намудани иқтидори андозии минтақаҳо, хосатан дарёфти роҳҳои вусъатдиҳии манбаи андози андозҳои мушаххас, такмили механизми банақшагирӣ, танзим ва назорати андоз масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонанд. Таҳлили адабиёти илмию иқтисодӣ дар заминаи тавсеаи имкониятҳои фискалӣ ҳамчун омили калидии пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои маъмурӣ нишон медиҳад, ки омӯзиши ин масъала ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Аз ин рӯ, коркарди заминаҳои ташкилию методологии вусъатбахшии иқтидори андозии минтақа, такмили низоми маъмурикунонии андоз ва пешгӯию ҳаддикунонии истифодаи иқтидори андоз дар рушди минтақа аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти муосири буҷету андоз маҳсуб ёфта, мубрамияти мавзуи диссертатсияро асоснок менамоянд.

Диссертатсия дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» ба шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технологияи ҷумҳуриявӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, дар доираи масъалаҳои иқтисодӣ, рушди низоми самараноки андоз ва андозбандӣ, иттилоотикунонӣ, ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ алоқаманд мебошад.

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни иитишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр гардидаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ буда, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлилҳои оморӣ ва коркарди таҳқиқот, истифодабарӣ аз нашрияҳо ва маҷмуаҳои омории мухталифро, ки ба муқаррароти илмӣ мувофиқ мебошад, ташкил медиҳад.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Механизми дар таҳқиқот таҳияшудаи вусъатдиҳии иқтидори андоз тавассути такомули манбаи андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз дар рушди минтақа тавсия шудааст, ки дар амалия барои татбиқ ба мадди назар гирифта шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинг ҳангоми таҳияи «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2026-2030» ифода меёбад (маълумотнома оид ба татбиқ таҳти №202/1 аз 07.05.2025).

Натиҷаҳои алоҳидаи илмии таҳқиқотро дар раванди таҳияи барномаи омӯзиши фанҳои иқтидори андоз ва гаронии андози минтақа, андоз ва андозбандӣ, буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, менеҷменти андоз, маъмурикунонии андоз ва иқтисодиёти корхонаҳо мавриди истифода қарор додан мувофиқи мақсад аст (маълумотномаи МДТ ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд таҳти №1151 аз 30.12.2024).

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми муаллиф дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯй дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

Диссертатсияи унвонҷу Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия бо бандҳои зерини шиносномаи илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат менамояд: 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии

ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; 11. Фишангҳои муътадилгардонии басташавии маконӣ (трансфертҳои давлатӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои дастгирии минтақавӣ, низоми андоз ва ғайраҳо), самаранокии истифодаи онҳо. Проблемаҳои рушди устувору мутавозини минтақаҳо; мониторинги рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо; 21. Хусусиятҳои минтақавии амалигардонии сиёсати буҷетӣ-андозӣ. Инкишофи муносибатҳои пулию қарзӣ ва буҷетӣ-андоз дар минтақаҳо (категория, методология, усул, механизм ва фишангҳо);

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 параграф, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Бобоев, Ф.М. Ҷанбаҳои институтсионалии омӯзиши вазифаи иҷтимоии андозҳо [Матн] / Ф. М. Бобоев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2024. – №4-1 (43). – С. 389-400.

2. Бобоев, Ф.М. Имтиёзҳо дар андозсупорӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо: асосҳои назариявӣ [Матн] / Ф. М. Бобоев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (263). – С. 91-96.

3. Бобоев, Ф.М. Оид ба масоили тадкиқи моҳияти иқтидори андозии минтақа ва усулҳои баҳодиҳии он дар замони муосир [Матн] / Ф.М. Бобоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Душанбе, 2020. – №S1-4-2(80). – С. 280-284.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаҳои интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

4. Бобоев, Ф.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар самти андозбандии даромадҳои шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Бобоев // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароти иқтисодиёти рақамӣ», ДИС ДДТТ, Хуҷанд 2025.-С.285-294.

5. Бобоев, Ф.М. Нақши маъмурикунонии андоз дар рушди муносибатҳои андозӣ. [Матн] / Бобоев Ф.М. // Конференсияи донишкадавии илмию амалӣ дар мавзуи «Иқтисодиёти сабз-муҳаррики рушди устувори иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои истифодабарии самараноки захираҳо», ДИС ДДТТ, Хуҷанд 2025.- С. 98-105.

6. Бобоев, Ф.М. Афзалиятҳои рақамикунонӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди муносибатҳои андозӣ [Матн] / Ф.М. Бобоев // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии халқ», ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2024.- С.187-192.

7. Бобоев, Ф.М. Ҳолати муосири раванди рақамисозии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Бобоев // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ таҳти унвони «Роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии халқ», ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2024.- С.325-329.

8. Бобоев, Ф.М. Арзёбӣ ва идоракунии иқтидори андозии минтақа дар шароити рушди иқтисоди муосир [Матн] / Ф.М. Бобоев // Конференсияи донишкадавии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои мухталифи рушди «Иқтисодиёти сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2023.-С.136-142.

9. Бобоев, Ф.М. Таҳлили муқоисавии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамолики Осиёи Миёна. [Матн] / Ф.М. Бобоев // Конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Ҷабҳаҳои молиявии тараққиёти иқтисодӣ дар шароити гузариш» (4), ДДҲБС, Хуҷанд, 2018.- С. 77-87.

10. Бобоев, Ф.М. Некоторые вопросы усовершенствования национальной налоговой системы для улучшения предпринимательской среды. [Текст] / Ф.М. Бобоев, Б.Б. Рахматов // Научный журнал «Интернаука». Москва, 2017. С. 32-35.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» аз 20 октябри соли 2025, протоколи №2 қабул гардидааст:

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 21 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи иқтисодиёт
ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»,
н.и.и., дотсент Каримова И. И.

**Котиби ҷаласа,**
н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт
ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» Аминова Ф.М.

Имзоҳои Каримова И. И. ва Аминова Ф.М. - ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» Маҳмудов Ш.У.

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169.
Тел:+992 (3422) 6-03-21,
Почтаи электронӣ: info@iet.tj.